*УДК 343*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-64-75*

**МОҲИЯТ ВА МАЗМУНИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ**

***Зокирзода Зафар Хайрулло****, н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (Рашт, Тоҷикистон)*

**СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ИСПРАВИТЕЛЬНЫХ РАБОТ**

***Зокирзода Зафар Хайрулло,*** *канд. юрид. наук, доцент кафедры права и государственного управления Государственного педагогического института Таджикистана в Раштском районе (Рашт, Таджикистан)*

**ESSENCE AND CONTENT OF CORRECTIONAL WORK**

***Zokirzoda Zafar Khairullo****, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration of Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region. (Rasht, Tajikistan )*
***e-mail:*** *zafar.khayrullozoda@mail.ru*

*Масъалаи моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Зимни таҳқиқи андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва қонунгузории миллию санадҳои байналмилалӣ моҳият ва мазмуни ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ баррасӣ шудааст. Хулоса шудааст, ки корҳои ислоҳӣ ҷазое мебошад, ки дар ҷои кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар маҳалли истиқоматии маҳкумшуда ба муҳлати муайян таъин гардида, фоизи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад ва як қатор маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ доир ба моликият ва меҳнат, ширкати ҳатмӣ дар иҷрои кор дар маҳалли фаъолият, ҷойҳои дигар ва маҳалли зиндагии вобаста ба назорати шахси маҳкумшуда ва гузаронидани корҳои ислоҳӣ бо вайро пешбинӣ менамояд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки моҳияти корҳои ислоҳӣ гуфта, ниҳод ва ё табиати ҷазои мазкур фаҳмида мешавад. Қонунгузор мазмуни ҷазои ҷиноятиро дар намуди корҳои ислоҳӣ пурра ифшо намекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ субъектҳои ҷазо, ҷои адои ҷазо ва муҳлати корҳои ислоҳиро муайян мекунад. Бинобар ин, дар баробари хусусиятҳои умумии ҷазо, он хусусиятҳои сифатии мазмуни корҳои ислоҳӣ, масалан, ҳангоми тавсифи дигар, алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро муайян намекунад. Бо назардошти он ки қонунгузорӣ мафҳуми корҳои ислоҳиро муқаррар накардааст, зарурат ба миён меояд, ки масъалаи мазкур мавриди таҳлили васеъ қарор дода шуда, мафҳуми мушаххасу дақиқи он дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.*

**Калидвожаҳо:** *корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ, ҷарима, хусусиятҳои корҳои ислоҳӣ, мафҳуми корҳои ислоҳӣ, воситаҳои ислоҳӣ, мамнуъиятҳо*

*Проанализированы и обсуждены сущность и содержание исправительных работ. На основе исследования мнений отечественных и зарубежных ученых, а также отечественного законодательства и международных актов, рассмотрены сущность и содержание уголовного наказания в виде исправительных работ. В ходе исследования сделан вывод, что исправительные работы – это наказание, назначаемое по месту работы осужденного или в иных местах, определенных органом назначения наказания, но по месту жительства осужденного на определенный срок, при этом определенный процент от заработной платы осужденного выплачивается государству. Также предусматривается ряд правовых ограничений в отношении имущества и труда, обязательное участие в выполнении работ по месту деятельности, в других местах и по*

*месту жительства, связанных с контролем за осужденным и проведением с ним исправительных работ. Анализ показывает, что сущность исправительных работ понимается как институт или характер этого наказания. Законодатель не полностью раскрывает содержание уголовного наказания в виде исправительных работ. Уголовное законодательство определяет субъекты наказания, место наказания и срок исправительных работ. Поэтому, наряду с общими особенностями наказания, оно не определяет качественные особенности содержания исправительных работ, например при описании иной альтернативы наказанию лишением свободы. Учитывая, что законодательством не установлено понятие "исправительные работы", его необходимо подробно проанализировать и дать конкретное и четкое определение в уголовном законодательстве.*

***Ключевые слова:*** *исправительные работы, обязательные работы, наказание, особенности исправительных работ, понятие об исправительных работах, средства исправления, запреты*

*The article analyzes and discusses the essence and content of correctional work. Based on a study of the opinions of domestic and foreign scientists, as well as domestic legislation and international acts, the essence and content of criminal punishment in the form of correctional labor are considered. The study concluded that correctional work is a punishment imposed at the convict's place of work or in other places determined by the sentencing authority, but at the convict's place of residence for a certain period, while a certain percentage of the convict's salary is paid to the state, also provides for a number of legal restrictions in relation to property and labor, mandatory participation in the performance of work at the place of activity, in other places and at the place of residence, related to the control of the convicted person and carrying out correctional work with him. The analysis shows that the essence of correctional labor is understood as the institution or nature of this punishment. The legislator does not fully disclose the content of criminal punishment in the form of correctional labor. Criminal legislation determines the subjects of punishment, the place of punishment and the period of correctional labor. Therefore, along with the general features of punishment, it does not determine the qualitative features of the content of correctional work, for example, when describing another alternative to punishment by imprisonment. Considering that the legislation does not establish the concept of "correctional work", it needs to be analyzed in detail and given a specific and clear definition in criminal law.*

***Key-words:*** *correctional work, compulsory labor, punishment, features of correctional labor, the concept of correctional labor, means of correction, prohibitions*

Дар саросари ҷаҳон инсондӯстона гардонидани ҷазоҳои ҷиноятӣ бо маром идома дорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш намуда истодааст, ки барои ҳар як ҷиноят ҷазои мувофиқ таъин карда шавад. Аз ин ҷост, ки барои ҷиноятҳои хусусияти молумулкӣ дошта ҷазоҳои молумулкӣ муқаррар карда мешаванд. Корҳои ислоҳӣ аз ҷумлаи чунин ҷазоҳои ҷиноятие мебошад, ки маҳкумшуда онро бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа адо менамояд. Корҳои ислоҳӣ як намуди муосири ҷазои молумулкӣ мебошад, ки иқтидори кофии сазоро нисбати маҳкумшуда ва таъсири хеле мусбати иқтисодиро ифода мекунад. Корҳои ислоҳӣ барои ҷиноятҳои хусусияти молумулкӣ дошта, таъсири хуби тарбиявӣ доранд.

Дар адабиёт ва сарчашмаҳо атрофи ин намуди ҷазо андешаҳои зиёд ба назар мерасанд, ки аҳаммияти ҷазои мазкурро ифода мекунанд. Корҳои ислоҳӣ дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Ба андешаи И.Р. Тулиев, дар гурӯҳи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ин намуди ҷазо

нақши муҳим мебозад. Ин бештар ба он вобаста аст, ки ин ҷазо, ки яке аз ҷазоҳои асосӣ буда, собиқаи татбиқи чандинсола дорад. Аммо дар даҳаи охири асри XX, яъне, дар солҳои 90-ум ҳиссаи истифодаи он аз ҷониби судҳо мунтазам коҳиш меёбад [20, с. 90]. З.А. Камолов қайд мекунад, ки корҳои ислоҳӣ яке аз чораҳои асосӣ ва самараноктарини ҷазои ҷиноятӣ боқӣ мемонад. Аммо самаранокии корҳои ислоҳӣ аз то чӣ андоза пурра ва самаранок будани танзими қонунгузорӣ ва механизми иҷрои ин ҷазо вобаста мебошад. Кори ислоҳӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати ҷиноятӣ ба таъмини самаранокии ҷазои ҷиноятӣ ва мубориза бар зидди чунин зуҳуроти манфӣ, ба мисли ҷинояткорӣ мусоидат менамояд [9, с. 164]. Мавриди зикр аст, ки ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ танҳо барои давлатҳои аъзои ИДМ хос аст. Асоси ин ҷазо дар беҳамтоии он дар фазои “пасошуравӣ”, дар омезиши унсурҳои ҷазодиҳӣ-маҷбурӣ бо таъсири доимии ислоҳии меҳнатӣ, дар имкони маълуми ислоҳи иҷрои он ифода меёбад. Дар ин хусус Т.Ш. Шарипов қайд мекунад, ки корҳои ислоҳӣ дар низоми ҷазоҳои пешбининамудаи КҶ ҶТ ва кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд [30, с. 224].

Мазмун ва моҳияти ҷазои корҳои ислоҳӣ яке аз масъалаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад. Барои он ки ҷазои мазкур самаранок таъин ва иҷро карда шавад, бояд мазмун ва моҳияти он ошкор ва муайян карда шавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи мазмун ва моҳияти корҳои ислоҳӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, корҳои ислоҳӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, яке аз намудҳои асосии ҷазо мебошад ва ба шахсоне таъин карда мешавад, ки бе ҷудо намудани онҳо аз ҷомеа ислоҳшавии онҳо имконпазир аст. Корҳои ислоҳӣ аз иҷрои вазифаҳои меҳнатии ба ҷамъият фоидаовар иборат аст, ки аз ҷониби маҳкумшудагон тибқи ҳукми суд дар ҷойи кори асосӣ ё мувофиқ бо нигоҳ доштани фоизи ҳатмии муайяни даромад ба фоидаи буҷети давлатӣ амалӣ мегардад [30, с. 225]. З.А. Камолов дар ин хусус қайд менамояд, ки корҳои ислоҳӣ яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба шахсоне мебошад, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир кардаанд. Татбиқи корҳои ислоҳӣ он оқибатҳои манфиеро, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар пай дорад ба вуҷуд намеоварад [10, с. 84]. Ҳадаф аз оқибатҳои вазнин, дар андешаи мазкур, оқибатҳои сазоии ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳсуб меёбад. Зеро ҷазои мавриди назар аз нигоҳи сазои он аз дигар ҷазоҳо фарқ мекунад. Шахс ба меҳнат машғул шуда, фоизи муайяни музди меҳнаташ ба фоидаи давлат ситонида мешавад ва ин оқибати сазоии ҷазои мазкурро дучанд мегардонад. Дар ин хусус як қатор олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки унсури асосии сазодиҳии ин намуди ҷазо – нигоҳ доштани аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат ба ҳисоб меравад [29, с. 138].

Ҳамин тавр, корҳои ислоҳӣ ҷазое мебошад, ки дар ҷои кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар маҳалли истиқоматии маҳкумшуда ба мӯҳлати муайян таъин гардида, ҳамзамон фоизи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад. Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар мӯҳлати на дертар аз даҳ рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд.

Масъалаи муайян намудани мазмун ва моҳияти корҳои ислоҳӣ борҳо мавриди таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ қарор гирифтааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оварда мешавад, ки истифодаи корҳои ислоҳӣ борҳо тағйир ва такмил ёфтааст, вале то кунун моҳияти онҳо бетағйир мондааст. Ҷазо моҳиятан аз маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои муайяни меҳнатӣ ва моддии маҳкумшуда иборат мебошад. Корҳои ислоҳӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ҷалб намудани шахси маҳкумшуда ба меҳнат бо нигоҳ доштани як қисми муайяни даромадаш ба фоидаи давлат мебошад [25, с. 335]. Дар “Фарҳанги истилоҳоти фалсафӣ” ба моҳият чунин таъриф дода шудааст: “Моҳият он

чизест, ки моҳияти ашё, маҷмуи хосиятҳои муҳимми он, ядрои асосии мавҷудияти мустақили ҳастиро ташкил медиҳад» [27, с. 444]. Дар “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” истилоҳи “моҳият” ба маънои асл, ҳақиқат, ҷавҳари чизе, ниҳод ва табиат тафсир гардидааст [26, с. 818]. Пас, моҳияти корҳои ислоҳӣ гуфта, ниҳод ва ё табиати ҷазои мазкур фаҳмида мешавад. Бинобар ин, моҳияти корҳои ислоҳӣ, ба назари мо, маҷмуи маҳдудиятҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои маҳкумшудагон мебошад, ки дар ҷараёни иштироки онҳо дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, ба амал баровarda мешавад.

Моҳияти корҳои ислоҳӣ аз моҳияти худи ҷазои ҷиноятӣ бармеояд. Ба андешаи Е.А. Антонян, моҳияти ҷазоро танҳо як соҳаи қонунгузорӣ – иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муайян мекунад. Қонуни ҷиноятӣ танҳо ба таври умумӣ доираи таъсири сазой-тарбиявиро муайян мекунад, қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бошад, мазмуни ин намуди ҷазо, тартиб ва шартҳои адои онро муайян мекунад [1, с. 229]. Баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки моҳияти кори ислоҳӣ ифодагари аз нав тарбия кардан ва ислоҳ намудани шахси маҳкумшуда тавассути таъсири ҷамъиятӣ мебошад [22, с. 225]. Ҷанбаи умумии корҳои ислоҳӣ ва ҳатмӣ аз он иборат аст, ки ҳар ду намуди ин ду ҷазо дорои хусусияти давомдор мебошанд ва бо таъсиргузории меҳнатӣ алоқаманданд. Корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян менамояд. Корҳои ҳатмӣ дар тафовут аз корҳои ислоҳӣ ҳеҷ гуна маҳдудсозиҳои моддиро пешбинӣ намекунанд. Бо шахсоне, ки ба иҷрои корҳои ҳатмӣ маҳкум мешаванд, ҳеҷ гуна кори тарбиявӣ, ҳамчунин, тайёрии касбӣ гузаронида намешавад. Аз ин ҷо, хулоса кардан мумкин аст, ки фарқи корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ баръало равшан мебошад.

Мазмун ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун муайян карда шудааст. Масалан, ба андешаи В.Я. Богданов: «Мазмуни корҳои ислоҳӣ на дар маҷмуи маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки барои ин ҷазо муайян карда шудаанд, балки дар хусусияти махсуси коре, ки маҳкумшудагон ҳангоми адои ҷазо иҷро мекунанд, ифода меёбад» [3, с. 14]. Мавриди зикр аст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ вуҷуд надорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳои гуногуни ин намуди ҷазо дода шудаанд. Масалан, Р.Р. Галиакбаров чунин мешуморад, ки «Корҳои ислоҳӣ чораи ҷазоест, ки аз маҷбур кардани шахси маҳкумшуда ба кор ба муҳлати дар ҳукм пешбинишуда, бо нигоҳ доштани қисми муайяни даромадаш ба фоидаи давлат иборат мебошад» [23, с. 292]. Т.Ю. Погосян онро ба таври дигар муайян мекунад: «Корҳои ислоҳӣ дар қонуни ҷиноятии амалкунанда маънои ба фоидаи давлат ҷалб намудани як қисми даромади маҳкумшударо дорад» [23, с. 335]. Чунин ба назар мерасад, ки набудани нуқтаи назари ягона нисбат ба мазмуну моҳияти корҳои ислоҳӣ, пеш аз ҳама, дар набудани аломати мавҷудияти сазо ҳамчун аломати зарурии ҷазо зоҳир мегардад.

Дигар муҳаққиқон хусусияти асосии корҳои ислоҳиро тарбия намудани маҳкумшуда дар раванди меҳнат бе инкор кардани унсурҳои сазо мешуморанд [4, с. 48-57; 7, с. 14]. Е.В. Рогова қайд мекунад, ки муаллифони ин нуқтаи назар тарбия намудани маҳкумшудагонро дар раванди меҳнат моҳияти асосии корҳои ислоҳӣ медонанд, дар ҳоле ки сазоро дар мадди дувум гузоштаанд. Бинобар ин, мо бо онҳо комилан розӣ шуда наметавонем [16, с. 48]. В.А. Нерсесянс муайян мекунад, ки «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ аз маҷбур кардани маҳкумшуда ба кор дар ҷои кори асосиаш ба муҳлати дар ҳукми суд муайяншуда бо нигоҳ доштани як қисми муайяни музди меҳнаташ ба сифати даромади давлат иборат

мебошад» [22, с. 368]. Дар ин хусус Т.Ш. Шарипов қайд мекунад, ки унсури дигари сазодиҳии корҳои ислоҳӣ нигоҳ доштани маблағи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Андозаи нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ба таври гуногун муайян шудааст [30, с. 226]. Дар робита ба ин, В.П. Марков қайд мекунад, ки нуқсу заъфи таърифҳои додашуда дар робита ба моҳияти корҳои ислоҳӣ, пеш аз ҳама, дар вуҷуд надоштани нишондоди ҷой доштани сазо ҳамчун моҳияти ҷазо ифода мегардад [12, с. 151].

Тавре аз андешаҳои боло бармеояд, дар онҳо таваҷҷуҳи бештар ба нигоҳ доштани фоизи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда равона гардидааст. Дар онҳо баъзе унсурҳои сазоии ҷазои мавриди назар аз ҷумла, маҳдудият ва мамнуъиятҳои дахлдор мушоҳида намегардад. Дар ин хусус мо тарафдори андешаи А.И. Василев ва А.В. Масилхин мебошем, ки чунин қайд кардаанд: “Бо муаллифоне, ки моҳияти корҳои ислоҳиро танҳо бо роҳи нигоҳ доштан аз музди меҳнати маҳкумшуда муайян мекунанд, розӣ шудан мумкин нест [5, с. 51]. Зимни муайян кардани мазмун ва моҳияти корҳои ислоҳӣ маҳдудият ва мамнуъиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ низ бояд ба эътибор гирифта шавад, зеро нигоҳ доштани музди меҳнат танҳо яке аз он маҳдудиятҳо мебошад. Дар ин хусус З.А. Камолов чунин иброз медорад, ки корҳои ислоҳӣ бояд пеш аз ҳама мавҷуд будани маҳдудиятҳои қонуниро ҳамчун мазмуни ҷазо таъмин намояд [10, с. 85].

Як қатор муаллифон, аз ҷумла А.П. Базунов, А.С. Михлин, В.И. Гусков, Г.А. Алексеева ва М.И. Ковалев ҳангоми баррасӣ ва таҳқиқи моҳияти корҳои ислоҳӣ ба ҷанбаи сазодиҳии ин гуна чораи ҷазои ҷиноятӣ ишора мекунанд ва ҳамзамон бо ин таъсири ислоҳии корҳои ислоҳиро инкор наменамоянд. А.П. Базунов, аз ҷумла қайд менамояд, ки “Корҳои ислоҳӣ аз таркиби воҳиди унсурҳои сазоӣ ва тарбиявӣ, маҷмуаи сазо, таъсиргузории ислоҳиву меҳнатӣ ва ақидавию сиёсӣ иборат мебошанд, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, татбиқ мегарданд” [2, с. 13]. А.С. Михлин ва В.И Гусков зимни омӯзиш ва таҳқиқи моҳияти корҳои ислоҳӣ ва хусусиятҳои хосси чунин корҳо корҳои ислоҳиро ҳамчун ҷазое, ки нигоҳ доштани миқдори маблағи муайян аз маоши шахси маҳкумшуда ва як қатор маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ доир ба моликият ва меҳнат, ширкати ҳатмӣ дар иҷрои кор дар маҳалли фаъолият, ҷойҳои дигар ва маҳалли зиндагии вобаста ба назорати шахси маҳкумшуда ва гузаронидани корҳои ислоҳӣ бо вайро пешбинӣ менамояд, муайян намудаанд [14, с. 29]. Андешаи охир мазмуну моҳияти корҳои ислоҳиро нисбатан бештар ифода мекунад. Зеро дар он унсурҳои зиёди сазоии корҳои ислоҳӣ нишон дода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки мазмуну моҳияти корҳои ислоҳӣ дар умум, маҷмуи маҳдудият ва мамнуъиятҳои муқарраркардаи қонунгузориро ифода мекунанд. Ба андешаи як қатор олимони ватанӣ, чораи муҳимми таъсиррасонӣ ба маҳкумшудагон ин вазифа ва манъкуниҳои ба онҳо татбиқшаванда ба ҳисоб меравад [29, с. 143]. Чунин андешаро дигар олимон низ дастгирӣ кардаанд. Бо назардошти моҳияти корҳои ислоҳӣ, бояд қайд кард, ки шаҳрвандоне, ки ба ин намуди ҷазо маҳкум шудаанд, мутобиқан ба меъёрҳои танзимшавандаи Конститутсия ва дигар қонунгузорӣ баъзе аз ҳуқуқу озодиҳои онҳо маҳдуд карда мешаванд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба интихоби навъи кор ва ҷойи кор, ҳуқуқ ба рухсатӣ ва музди меҳнати пурра [6, с. 58]. Андешаҳои мазкур ба мазмун ва моҳияти корҳои ислоҳӣ равшании бештар андохтаанд. Зеро шахси маҳкумшуда ба ҷазои корҳои ислоҳӣ аз як қатор ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии худ ба пуррагӣ истифода бурда наметавонад.

Дурусттарин таърифи моҳияти корҳои ислоҳиро, ба назари мо, А.Т. Иванова ва Н.В. Пискарева дода аст. Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки корҳои ислоҳӣ ҷазоест, ки моҳияти сазои он бо тартиби муқарраршуда аз маҳдуд кардани баъзе ҳуқуқу манфиатҳои моддӣ ва меҳнатии маҳкумшуда иборат мебошад [8, с. 36]. Ба андешаи И.Р. Тулиев, аз мазмуни меъёри муқарраршудаи КҶ ҶТ бармеояд, ки корҳои ислоҳӣ, мисли ҷарима ба вазъи

моддии маҳкумшуда таъсир мерасонад, яъне, боиси оқибатҳои моддӣ мегардад [20, с. 90].

Ҳамин тавр, бояд чунин хулоса баровард, ки қонунгузор мазмуни ҷазои ҷиноятиро дар намуди корҳои ислоҳӣ пурра ифшо намекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ субъектҳои ҷазо, ҷои адои ҷазо ва мӯҳлати корҳои ислоҳиро муайян мекунад. Бинобар ин, дар баробари хусусиятҳои умумии ҷазо, он хусусиятҳои сифатии мазмуни корҳои ислоҳиро муайян намекунад, масалан, ҳангоми тавсифи дигар, алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ. Бо назардошти он ки қонунгузорӣ мафҳуми корҳои ислоҳиро муқаррар накардааст, зарурат ба миён меояд, ки масъалаи мазкур мавриди таҳлили васеъ қарор дода шуда, мафҳуми мушаххасу дақиқи он дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

Як гурӯҳи олимон бештар оид ба ҷанбаҳои ислоҳию тарбиявии корҳои ислоҳӣ изҳори андеша намудаанд. Аз ҷумла, И.А. Бушуев [4, с. 12], Н.А. Стручков [19, с. 20], М.Д. Шаргородский [28, с. 274] ба корҳои ислоҳӣ ва таъсири сазодиҳӣ ба маҳкумшудагон ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳӣ, ки дар кори тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ва маҳдудиятҳои моддӣ бо роҳи нигоҳ доштани қисми муайянкардаи суд аз музди меҳнати маҳкумшуда ифода ёфтааст, аҳаммияти калон зоҳир намудаанд. Б.М. Леонтев дар ин хусус қайд мекунад, ки «Моҳияти корҳои ислоҳӣ аз он иборат мебошад, ки маҳкумшуда асосан дар ҷои кори пештарааш, дар маҳалли истиқомати худ бе ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа, аз нав тарбия карда мешавад» [21, с. 225]. Р.Н. Симушков дар таҳқиқоти худ чунин ақидаро баён кардааст, ки дар кори ислоҳӣ чизи асосӣ «...таъсири иҷтимоӣ барои ислоҳи шахси маҳкумшуда мебошад» [18, с. 153]. Муаллифони мазкур таъсиргузории тарбиявию ислоҳии корҳои ислоҳиро ҷузъи моҳияти корҳои ислоҳӣ муаррифӣ менамоянд. Новобаста аз он ки В.П. Марков [12, с. 154] ба андешаи мазкур розӣ намебошад, мо фикр мекунем, ки хусусияти тарбиявию ислоҳӣ доштани ҷазои мазкур аз номи худи ҷазо – корҳои ислоҳӣ бармеояд. Бинобар ин, наметавон гуфт, ки мазмун ва моҳияти корҳои ислоҳӣ чораҳои тарбиявию ислоҳиро ифода намекунанд.

Масъалаи муҳиме, ки мазмуни ҷазои корҳои ислоҳиро ифода мекунад ин маҷмуи маҳдудиятҳо ва мамнуъиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад. Атрофи масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Аз ҷумла, А.В. Корнеева хостори ба ду гурӯҳ тақсим намудани маҳдудсозиҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба мазмуну моҳияти корҳои ислоҳӣ дохил мегарданд: а) маҳдудсозиҳое, ки ба манфиатҳои моддии шахсони маҳкумшуда дахл доранд ва б) маҳдудсозиҳое, ки ба шароити меҳнат вобаста мебошанд [11, с. 70]. Бо истифода аз таснифи пешниҳоднамудаи А.В. Корнеева, метавон ба гурӯҳи аввал ҳуқуқмаҳдудсозиҳои зеринро дохил намуд: аз музди маоши шахси маҳкумшуда нигоҳ доштани маблағ дар ҳаҷми андозаи муайнкардаи ҳукми суд дар ҳудуди аз панҷ то бист дарсади музди маош, нигоҳ доштани маблағ аз пардохтҳои ҳармоҳаи иҷтимоӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ барои вуқуи ҳолатҳои ногувор дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ва, ҳамчунин, нигоҳ доштани маблағ аз ҳисоби кумакпулии шахси бекор дар ҳаҷми андозаи дар қарори суд муайянгардида, ҳамчунин, баҳисобгирии кумакпулии корношоямии муваққатии шахси маҳкумшуда аз ҳисоби музди маош дар андозае, ки бар асоси қарори суд муайян карда мешавад. Ба гурӯҳи дуюм манъ будани озод намудани корманд аз кор бо хоҳиши худ бе иҷозати мақомоти нозироти корҳои ислоҳӣ дар шакли хаттӣ, номумкин будани саркашии шахси маҳкумшуда аз иҷрои кори пешниҳодшуда, ҳамчунин, додани рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба шахси маҳкумшуда бо давомнокии 18 рӯзи корӣ дар мувофиқа бо мақомоти нозироти корҳои ислоҳӣ дохил мешавад.

Ба назари мо, унсурҳое, ки мазмуни ҷазоро ташкил медиҳанд, бояд танҳо дар қонуни моддӣ, аниқтараш дар Кодекси ҷиноятӣ инъикос ёбанд. Ҳамзамон, қонунгузории ҷиноятӣ то муқаррар намудани тартиб ва шартҳои адои намуди муайяни ҷазо метавонад баъзе

маҳрумиятҳо, маҳдудиятҳо, иваз ва иловаҳои ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои маҳкумшудагонро, ки ба мазмуни ҷазои ҷиноятӣ дохил карда шудаанд, такрор намояд [15, с. 267]. Ба андешаи З.А. Камолов, тамоми маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки ба мазмуни корҳои ислоҳӣ дохил мешаванд, бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ инъикос карда шаванд. Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки тартиб ва шартҳои адои корҳои ислоҳиро муқаррар мекунад, метавонад маҳдудиятҳои асосии ҳуқуқии ба мазмуни ин ҷазо дохилшударо такрор намояд, вале мустақилона муқаррар намекунад [10, с. 87]. Ба фикри мо, барои маҳкумшуда муайян кардани намуд ва хусусияти кор, инчунин, намудҳои фаъолият ва касб бояд танҳо дар салоҳияти суд бошад, вагарна мақомоти ҳокимияти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти ислоҳӣ на танҳо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо, балки, инчунин, метавонанд мазмуни сазодиҳии корҳои ислоҳиро васеъ намоянд. Ба ғайр аз ин, вазнинии корҳои ислоҳӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас бояд алоҳида бо назардошти хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонии маҳкумшуда муайян карда шавад. На танҳо ба хусусияти коре, ки маҳкумшуда дар ҷои кор иҷро кардааст, инчунин, ба хусусияти коре, ки пештар иҷро кардааст, баҳо додан лозим аст. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, бояд дар назар дошт, ки корҳои ислоҳӣ барои маҳкумшуда имконпазир аст. Ин муқарраротбояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳам нисбат ба шахсони ноболиғ ва ҳам нисбат ба маҳкумшудагони калонсол муқаррар карда шавад.

И.Р. Тулиев дар ин хусус қайд кардааст, ки мавҷудияти чунин маҳдудиятҳои муҳимми ҳуқуқӣ, ки на аз ҷониби суд, балки аз ҷониби мақомоти иҷрокунандаи ҷазо таъин ё тағйир дода шудаанд, манфиатҳои маҳкумшударо ба таври ҷиддӣ поймол карда, дар асл корҳои ислоҳиро аз ҷазои молумулкӣ ба ҷазои маҳдуд кардани озодӣ табдил медиҳанд, ки бо номи мавриди баррасӣ қарор дошта, созгор нест [20, с. 92-93]. Пешбинӣ шудани ҳуқуқи гузаштани манъкуниву вазифа, ки ҳуқуқҳои маҳкумшудагонро ба таври ҷиддӣ халалдор месозад, на дар КҶ ҶТ, балки дар КИҶҶ ҶТ ва додани ин ҳуқуқ на ба суд балки ба нозироти корҳои ислоҳӣ чандон дуруст нест. Ба ақидаи мо бояд ба м. 52 КҶ ҶТ тағйирот ворид шуда, гузоштани манъкуниву вазифаҳо нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ба зиммаи суд гузошта шавад, чӣ тавре чунин муқарраротдар қ. 5 м. 71 ё қ. 2 м. 76 КҶ ҶТ ҷой дорад, зеро мувофиқи қ. 1 м. 46 КҶ ҶТ мазмуни ҷазоро, яъне маҳрум ё маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои шахсро танҳо КҶ ҶТ пешбинӣ карда метавонад [13, с. 216]. Унсурҳое, ки мазмуни ҷазои ҷиноятиро дар шакли корҳои ислоҳӣ ташкил медиҳанд, бояд танҳо дар қонуни моддӣ, аниқтараш дар КҶ ҶТ инъикос ёбад. Шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, метавонад як қатор дигар маҳдудиятҳои мурофиавии ҳуқуқиро, ки дар КҶ пешбинӣ нашудаанд ва ба худи мазмуни намуди ҷазо вобаста нестанд, вале аз моҳият бармеоянд ва аз рӯи қонуни муқарраршуда ба вуҷуд меоянд аз сар гузаронад [15, с. 270]. Ҳамин тариқ, қонунгузор бояд зиддиятҳои байни қонуни ҷиноятӣ (моддӣ) ва қонуни иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (мурофиавӣ)-ро бо роҳи ворид намудани тамоми маҳрумиятҳо, маҳдудиятҳо, иваз ва иловаҳои ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ба уҳдадориҳои маҳкумшудагон дар КҶ ҶТ бартараф намояд. Илова бар ин, КҶ ҶТ бояд дигар маҳрумиятҳо ва маҳдудиятҳоро аз ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда, ки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, дарбар гирад (дар адабиёти ҳуқуқӣ дар ин бора нуқтаи назари дигар баён карда шудааст).

Бо дар назар гирифтани махсусияти иҷрои корҳои ислоҳӣ, ҳуқуқмаҳдудсозиро, ки он мазмуни корҳои ислоҳиро ташкил медиҳад, метавон ба ҳуқуқмаҳдудсозии асосӣ ва иловагӣ ҷудо намуд [12, с. 163]. Ба ҳуқуқмаҳдудсозии асосӣ мавридҳое дохил мешаванд, ки онҳо дар ҳолатҳои мушаххас ба кор бурда мешаванд, барои мисол нигоҳ доштани маблағ аз музди маоши шахси маҳкумшуда ба фоидаи давлат дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қарори суд ба андозаи аз 10 то 30%. Ба ҳуқуқмаҳдудсозиҳои иловагӣ он

ҳуқуқмаҳдудсозиҳое дохил мегарданд, ки дар ҳолатҳои муайян нисбат ба шахси маҳкумшуда ба кор бурда намешаванд, аз ҷумла нигоҳ доштани маблағ аз кумакпулии шахси маҳкумшуда дар андозае, ки бо қарори суд муқаррар мегардад, ба ҳисоб гирифтани кумакпулии корношоямии муваққатии шахси маҳкумшуда аз музди маош дар ҳаҷми муқаррарнамудаи суд. Фаро расидани ҳуқуқмаҳдудсозиҳои иловагӣ, метавонад ҳам ба шахси маҳкумшуда ва ҳам ба иродаи шахси маҳкумшуда, аз ҷумла ба омили аз ҷойи кор сабукдуш гардидани шахси маҳкумшуда бо хоҳиши худ ва ё дар натиҷаи ихтисор шудани шахси маҳкумшуда аз ҷойи кор вобаста бошад. Дар айни замон, агар шахси маҳкумшуда хоҳиши аз кор озодшуданро надошта бошад, дар ин сурат, имкон дорад, ки ҳуқуқмаҳдудсозӣ дар шакли манъ будани озод сохтан аз кор бо хоҳиши худ бидуни иҷозати мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шакли хаттӣ татбиқ намегардад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу баррасии моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Мазмуни корҳои ислоҳӣ дар арзёбии мушаххаси манфии рафтори шахс аз ҷониби давлат ифода меёбад; дар идома ёфтани ҷазо, ки бо ҳукми суд ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол; дар нигоҳ доштани қисме аз маблағи музди маош ба фоидаи давлат дар андозаи муқарраргардида аз тарафи суд дар ҳаҷми аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнат; дар манъи озод намудани шахси маҳкумшуда аз кор бо хоҳиши худ бе иҷозат дар шакли хаттӣ тавассути мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; дар набудани саркашии шахси маҳкумшуда аз иҷрои кори пешниҳодшуда; дар нигоҳ доштани қисми кумакпулии бекории шахсони маҳкумшудаи дар қайди хадамоти марбутаи шуғли аҳолӣ қарордошта; дар нигоҳ доштани қисме аз маблағи пардохтҳои ҳармоҳаи иҷтимоӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ дар мавридҳои ногувор дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ; дар ҳисоби кумакпулии корношоямии муваққатӣ аз музди маоши шахси маҳкумшуда дар андозаи ҳаҷми муайяннамудаи қарори суд; дар додани рухсатии пардохтшавандаи ҳарсола ба шахси маҳкумшуда ба муддати 18 рӯзи корӣ; дар манъи ба хизмати ҳарбӣ даъват намудани шахси маҳкумшуда; дар доштани доғи судӣ дар давоми як сол пас аз адои ҷазо.

2. Дар саросари ҷаҳон инсондӯстона гардонидани ҷазоҳои ҷиноятӣ бо маром идома дорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш намуда истодааст, ки барои ҳар як ҷиноят ҷазои сазовор таъин карда шавад. Аз ин ҷост, ки барои ҷиноятҳои хусусияти молумулкӣ дошта ҷазоҳои молумулкӣ муқаррар карда мешавад. Яке аз чунин ҷазоҳои ҷиноятӣ, ки шахс бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад онро адо мекунад ин корҳои ислоҳӣ мебошад. Корҳои ислоҳӣ як намуди ҷазои молумулкӣ мебошад, ки иқтидори кофии сазоро нисбати маҳкумшуда ва таъсири хеле мусбати иқтисодиро ифода мекунад. Корҳои ислоҳӣ барои ҷиноятҳои хусусияти молумулкӣ дошта, таъсири хуби тарбиявӣ дорад.

3. Ҳамин тавр, корҳои ислоҳӣ ҷазое мебошад, ки дар ҷои кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар маҳалли истиқоматии маҳкумшуда ба муҳлати муайян таъин гардида, фоизи муайян аз музди меҳнати маҳкумшуда ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад ва як қатор маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ доир ба моликият ва меҳнат, ширкати ҳатмӣ дар иҷрои кор дар маҳалли фаъолият, ҷойҳои дигар ва маҳалли зиндагии вобаста ба назорати шахси маҳкумшуда ва гузаронидани корҳои ислоҳӣ бо вайро пешбинӣ менамояд.

4. Моҳияти корҳои ислоҳӣ гуфта, ниҳод ва ё табиати ҷазои мазкур фаҳмида мешавад. Бинобар ин, моҳияти корҳои ислоҳӣ, ба назари мо, маҷмуи маҳдудиятҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои маҳкумшудагон мебошад, ки дар ҷараёни иштироки онҳо дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста намебошад ба амал бароварда мешавад.

Барои такмил додани равандҳои татбиқ (таъин ва иҷро) ва адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ бояд ба моддаи 52-и КҶ ҶТ тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд:

«Моддаи 52. Корҳои ислоҳӣ

1) Корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудае таъин карда мешавад, ки ҷои кори асосиро дорад, инчунин ҷойи кор надорад. Маҳкумшудае, ки ҷои кори асосиро дорад, дар ҷои кори асосии худ корҳои ислоҳиро адо мекунад. Маҳкумшудае, ки ҷои кори асосиро надорад, ба корҳои ислоҳӣ дар ҷойҳо ва ихтисос, инчунин, намуди муқарраршудаи фаъолият, намуд ва хусусияти фаъолият, ки суд бо мувофиқа бо мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва нозироти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муайян кардааст, адо мекунад, вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда. Маҳкумшуда ҳуқуқ надорад аз кори ба ӯ пешниҳодшуда даст кашад.

2) Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол муқаррар карда мешавад.

3) Аз музди меҳнати шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, инчунин, пардохтҳои ҳармоҳаи суғурта барои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ ба даромади давлат ба андозаи муқаррарнамудаи ҳукми суд аз 10 то 30 фоиз нигоҳ дошта мешавад. Нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки ӯ дар он кор мекунад, ҳуқуқ доранд дар сурати бад шудани вазъи молиявии маҳкумшуда дар бораи кам кардани маблағи нигоҳ доштани фоиз аз музди меҳнати маҳкумшуда ба суд бо ариза муроҷиат намоянд. Қарор дар бораи кам кардани маблағи нигоҳ доштан бо назардошти тамоми даромади маҳкумшуда қабул карда мешавад.

4) Дар давраи адои корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшуда бо хоҳиши худ бе иҷозати хаттии нозироти ислоҳӣ аз кор рафтан манъ аст.

5) Дар давраи адои корҳои ислоҳӣ барои шахси аз 18 сола боло рухсатии асосии пардохтшавандаи ҳарсолаи 24 рӯзи тақвимӣ ва барои маҳкумшудагони то 18 сола 31 рӯзи тақвимӣ рухсатии асосии пардохтшаванда кам карда мешавад ва 18 рӯзи кориро ташкил медиҳад.

6) Маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо мекунанд, ба хизмати ҳарбӣ даъват карда намешаванд.

7) Дар сурати бадқасдона саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои корҳои ислоҳӣ суд метавонад ҷазои адонашударо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба андозаи як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се шабонарӯзи корҳои ислоҳӣ иваз намояд.

8) Корҳои ислоҳӣ ба шахсони маъюби гурӯҳи якум эътирофшуда, занони ҳомила, шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд, хизматчиёни ҳарбие, ки дар хизмати ҳарбӣ қарор доранд, инчунин, хизматчиёни ҳарбӣ, ки тибқи шартнома хизмати ҳарбиро дар мансабҳои қаторӣ ва сержантҳо иҷро мекунанд, агар дар вақти баровардани ҳукми суд онҳо муҳлати дар қонун муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо накарда бошанд, таъин карда намешавад.

9) Бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда шахсияти маҳкумшуда, рафтори ӯ дар давраи адои ҷазо суд ҳуқуқ дорад барои маҳкумшудагон вазифа ва манъкуниҳои зеринро таъин кунад:

а) манъи тарки манзил дар вақти муайяни шабонарӯз;

б) манъи тарки маҳалли истиқомат дар рӯзҳои истироҳат ва давраи рухсатӣ;

в) манъи ҳузур доштан дар ҷойҳои муайяни ноҳия (шаҳр);

г) уҳдадор сохтан ҷиҳати дар як моҳ ду маротиба ҳозир шудан барои гузаштан аз қайди нозироти корҳои ислоҳӣ.

10) Вазифа ва манъкуниҳои мазкур ба муҳлати то шаш моҳ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ин муҳлат ҳар дафъа боз шаш моҳ, дар доираи муҳлати адои ҷазо, дароз карда шуданаш мумкин аст. Бекор будани маҳкумшуда амали вазифа ва манъкуниҳои муқарраршударо бознамедорад».

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Антонян, Е.А. Некоторые современные теории в пенитенциарной науке [Текст] / Е.А. Антонян // Пробелы в российском законодательстве. – 2008. – № 1. – С. 304-306.*
2. *Базунов, А.П. Вопросы теории и практики исправительных работ без лишения свободы в советском праве [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / А.П. Базунов. – Саратов, 1966. – 185 с.*
3. *Богданов, В.Я. Исправительные работы как вид уголовного наказания [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / В.Я. Богданов. – Москва, 1974. – 23 с.*
4. *Бушуев, И.А. Исправительные работы [Текст] / И.А. Бушуев. – Москва, 1968. – 200 с.*
5. *Васильев, А.И., Маслихин, А.В. Исполнение наказаний, связанных с мерами исправительно-трудового воздействия [Текст] / А.И. Васильев, А.В. Маслихин: Учеб. пособие. – Рязань, 1989. – 81 с.*
6. *Дроздов, А.И., Усеев, Р.З., Марченко, Д.Э. Уголовно-исполнительное право: правовое регулирование исполнения наказаний, не связанных с изоляцией осужденного от общества [Текст] / А.И. Дроздов, Р.З. Усеев, Д.Э. Марченко: учебное пособие. – Самара: Самарский юридический институт ФСИН России, 2012. – 92 с.*
7. *Ефимов, М., Шагалов, А. Исправительные работы без лишения свободы [Текст] / М. Ефимов, А. Шагалов // Советская юстиция. – 1962. – №18. – С. 14-15.*
8. *Иванова, А.Т. Пискарева, Н.В. Совершенствование правовой регламентации наказания в виде исправительных работ [Текст] / А.Т. Иванова, Н.В. Пискарева // Проблемы применения наказаний, не связанных с лишением свободы. – Москва, 1988. – С. 35-44.*
9. *Камолов, З.А. Уголовно-правовая характеристика исправительных работ по Уголовному кодексу Республики Таджикистан [Текст] / З.А. Камолов // Юридическая наука: история и современность. – 2016. – № 4. – С. 162-169.*
10. *Камолов, З.А., Нодиров, Н.М. Проблемы определения содержание наказания в виде исправительных работ [Текст] / З.А. Камолов, Н.М. Нодиров // Академический юридический журнал. – 2018. – № 4 (28). – С. 84-89.*
11. *Корнеева, А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / А.В. Корнеева. – Москва, 1986. – 176 с.*
12. *Марков, В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук / В.П. Марков. – Санкт-Петербург, 2007. – 447 с.*
13. *Масоили татбиқ ва иҷрои намудҳои алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2011. – 246 с.*
14. *Михлин, А.С., Гуськов, В.И., Кириллова, И.А. и др. Исправительные работы и их эффективность [Текст] / А.С. Михлин, В.И. Гуськов, И.А. Кириллова. – Москва, 1967. – 178 с.*
15. *Орлов, В.Н. Содержание уголовного наказания в виде исправительных работ: уголовно-правовые (материальные) и уголовно-исполнительные (процессуальные) нормы [Текст] / В.Н. Орлов // Уголовно-исполнительное право. – 2018. – Т. 13 (1-4). – № 3. – С. 264-272.*
16. *Рогова, Е.В. Понятие и сущность исправительных работ, применяемых к несовершеннолетним [Текст] / Е.В. Рогова // Сибирский юридический вестник. – 2003. – № 4. – С. 47-49.*
17. *Симушков, Г.Н. Эффективность исправления и перевоспитания осужденных за хулиганство к лишению свободы и исправительным работам [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Г.Н. Симушков. – Ленинград, 1974. – 27 с.*
18. *Симушков, Г.Н. О понятии и критериях эффективности отбытия исправительных работ [Текст] / Г.Н. Симушков // Преступность и ее предупреждение: Сб. статей. – Ленинград: Изд-во Ленинградск. ун-та, 1971. – С. 152-163.*

**19.** *Стручков, Н.А. Проблемы наук исправительно-трудового права в свете нового исправительно-трудового законодательства. – Москва, 1972. – 206 с.*

**20.** *Тулиев, И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / И.Р. Тулиев. – Москва, 2010. – 217 с.*

**21.** *Уголовное право Российской Федерации: Общая часть [Текст] / Под ред. Б.В. Здравомыслова. – Москва: Юристъ, 1999. – 480 с.*

**22.** *Уголовное право Российской Федерации [Текст]: Общая часть. – Москва, 1996. – 512 с.*

**23.** *Уголовное право Российской Федерации [Текст]: Общая часть. – Саратов, 1997. – 423 с.*

**24.** *Уголовное право [Текст]: Общая часть. – Москва, 1993. – 346 с.*

**25.** *Уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов [Текст] / Отв. ред. проф. И.Я. Козаченко и проф. З.А. Незамова. – Москва, 1997. – 578 с.*

**26.** *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. (А-Н) [Матн] / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.*

**27.** *Философский энциклопедический словарь [Текст]. – Москва, 1997. – 543 с.*

**28.** *Шаргородский, М.Д. Избранные работы по уголовному праву [Текст] / М.Д. Шаргородский. – Санкт-Петербург, 2003. – 434 с.*

**29.** *Шарипов, Т.Ш., Камолов, З.А., Диноршоев, А.М., Сафаров, А.И. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, А.М. Диноршоев, А.И. Сафаров: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – 354 с.*

**30.** *Шарипов, Т.Ш., Нодирзода, Н.М. Корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Н.М. Нодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №1. – С. 224-228.*


### ***REFERENCES:***


**1.** *Antonyan, E.A. Some Modern Theories in Penitentiary Science [Text] / E.A. Antonyan // Gaps in Russian legislation. – 2008. – No. 1. – PP. 304-306.*

**2.** *Bazunov, A.P. Questions of the Theory and Practice of Correctional Work without Deprivation of Liberty in Soviet Law [Text]: dis. ...cand. legal Sci. – Saratov, 1966. – 185 pp.*

**3.** *Bogdanov, V.Ya. Correctional Work as a Type of Criminal Punishment [Text]: Author's abstract. dis. ...cand. legal Sci. – M., 1974. – 23 pp.*

**4.** *Bushuev, I.A. Correctional Work [Text] / I.A. Bushuev. – M., 1968. – 200 pp.*

**5.** *Vasiliev, A.I., Maslikhin, A.V. Execution of Punishments Related to Corrective Labor Measures [Text] / A.I. Vasiliev, A.V. Maslikhin: Textbook. allowance. – Ryazan, 1989. – 81 pp.*

**6.** *Drozdov, A.I., Useev, R.Z., Marchenko, D.E. Criminal Executive Law: legal regulation of the execution of sentences not related to the isolation of the convicted person from society [Text] / A.I. Drozdov, R.Z. Useev, D.E. Marchenko: textbook. – Samara: Samara Law Institute of the Federal Penitentiary Service of Russia, 2012. – 92 pp.*

**7.** *Efimov, M., Shagalov, A. Correctional Work without Imprisonment [Text] / M. Efimov, A. Shagalov // Sov. justice. - 1962. - No. 18. – PP. 14-15.*

**8.** *Ivanova, A.T. Piskareva, N.V. Improving the Legal Regulation of Punishment in the form of Correctional Labor [Text] / A.T. Ivanova, N.V. Piskareva // Problems of applying punishments not related to imprisonment. – M., 1988. – PP. 35-44.*

**9.** *Kamolov, Z.A. Criminal-Legal Characteristics of Correctional Labor under the Criminal Code of the Republic of Tajikistan [Text] / Z.A. Kamolov // Legal science: history and modernity. – 2016. – No. 4. – PP. 162-169.*

**10.** *Kamolov, Z.A., Nodirov, N.M. Problems of Determining the Content of Punishment in the form of Correctional Work [Text] / Z.A. Kamolov, N.M. Nodirov // Academic legal journal. – 2018. – No. 4 (28). – PP. 84-89.*

***11.****Korneeva, A.V. Correctional Work without Imprisonment as a Type of Criminal Punishment [Text]: dis. ...cand. legal sci. – M. 1986. – 176 pp.*
***12.****Markov, V.P. The Mechanism for Implementing Basic Criminal Penalties not Related to Isolation from Society in the Russian Federation: criminal legal analysis [Text]: dis. ... Doctor of Law. Sci. – St. Petersburg, 2007. – 447 pp.*
***13.*** *Issues of Introduction and Implementation of Alternative Types of Imprisonment in the Republic of Tajikistan [Text]. – Dushanbe, 2011. – 246 pp.*
***14.****Mikhlin, A.S., Guskov, V.I., Kirillova, I.A. and others. Correctional Work and its Effectiveness [Text] / A.S. Mikhlin, V.I. Guskov, I.A. Kirillova. – M., 1967. – 178 pp.*
***15.****Orlov, V.N. The Content of Criminal Punishment in the Form of Correctional Labor: criminal legal (material) and criminal executive (procedural) norms [Text] / V.N. Orlov // Criminal executive law. – 2018. – V. 13 (1-4). – No. 3. – PP. 264-272.*
***16.****Rogova, E.V. The Concept and Essence of Correctional Work Applied to Minors [Text] / E.V. Rogova // Siberian Legal Bulletin. – 2003. – No. 4. – PP. 47-49.*
***17.****Simushkov, G.N. The Effectiveness of Correction and Re-education of those Convicted of Hooliganism to Imprisonment and Correctional Work [Text]: Author's abstract. dis. ...cand. legal Sci. – L., 1974. – 27 pp.*
***18.****Simushkov, G.N. On the Concept and Criteria for the Effectiveness of Serving Correctional Work [Text] / G.N. Simushkov // Crime and its prevention: Sat. articles. – L.: Publishing house Leningradsk. Univ., 1971. – PP. 152–163.*
***19.****Struchkov, N.A. Problems of the Sciences of Correctional Labor Law in the Light of the New Correctional Labor Legislation. - M., 1972. - 206 pp.*
***20.****Tuliev, I.R. Punishment under the Criminal Law of Tajikistan (system, types of punishments and their purpose) [Text]: dis. ...cand. legal Sci. – M., 2010. – 217 pp.*
***21.****Criminal Law of the Russian Federation: General part [Text] / ed. B.V. Zdravomyslova. – M.: Yurist, 1999. – 480 pp.*
***22.****Criminal Law of the Russian Federation [Text]: general part. – M., 1996. – 512 pp.*
***23.****Criminal Law of the Russian Federation [Text]: general part. – Saratov, 1997. – 423 pp.*
***24.****Criminal Law [Text]: general part. – M., 1993. – 346 pp.*
***25.****Criminal Law. General part: Textbook for universities [Text] / Rep. ed. prof. AND I. Kozachenko and prof. BEHIND. Nezamova. – M., 1997. – 578 pp.*
***26.****26. Commentary Culture of the Tajik Language. Volume 1. (A-N) [Text] / Edited by S. Nazarzoda, A. Sanginov, S. Karimov, M.Kh. Sultan. – Dushanbe, 2008. – 950 pp.*
***27.****Philosophical Encyclopedic Dictionary [Text]. – M., 1997. – 543 pp.*
***28.****Shargorodsky, M.D. Selected Works on Criminal Law [Text] / M.D. Shargorodsky. – St. Petersburg, 2003. – 434 pp.*
***29.****Sharipov T.Sh., Kamolov Z.A., Dinorshoev A.M., Safarov A.I. The Right to Execute Criminal Punishment [Text] / T.Sh. Sharipov, Z.A. Kamolov, A.M. Dinorshoev, A.I. Safarov: textbook. – Dushanbe, 2011. – 354 pp.*
***30.****Sharipov T.Sh., Nodirzoda N.M. Correctional Work in the Criminal Legislation of Post-Soviet States [Text] / T.Sh. Sharipov, N.M. Nodirzoda // Bulletin of the National University of Tajikistan / Department of Social, Economic and Social Sciences. – 2024. – No. 1. – PP. 224-228.*